**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Наимова Фарзона Меҳрубоновна дар мавзуи "Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мактуботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ" барои дарёфти дараҷаи илми номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.**

Номаю номанигорӣ ҳамчун як пешаи мустақили ҳунарӣ дар фарҳангу адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи қадима дорад. Дар давраи классикӣ таълиф гардидани силсилаи дастурҳои дабирӣ далели дигари таърихи кӯҳан ва пурғановат доштани пешаи мазкур дар фарҳанги форсии тоҷикӣ мебошад. Хушбахтона, ин шеваи иртиботи иҷтимоӣ ва адабӣ то имрӯз, бо вуҷуди он ки шаклу шеваҳои наву муосир касб кардааст, идома дорад. Аммо масъалаи таҳқиқу омӯзиши ҳаматарафаи номаю номанигории адабӣ қаблан аз доираи таваҷҷуҳи адабиётшиносон дур монда буд. Хушбахтона, дар замони мо бо ибтикори донишмандони шинохтаи тоҷик М. Шакурӣ, С. Табаров, А. Афсаҳзод, Х. Отахонова, Х. Шарифов, Х. Асозода, Ҷ. Назрӣ, А. Маҳмадаминов, М. Нарзиқул, А. Хуросонӣ, Д. Бобоев, Н. Аслонова ва дигарон масъалаи омӯзиши адабиёти эпистолярии тоҷикӣ суръат гирифт, ки он воқеан, дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ раванди тоза мебошад. Бо вуҷуди ин, имрӯз бо сабабҳои ба бойгонии адибони ҷудогона дастрасӣ надоштани муҳаққиқон дар омӯзиши мукаммалу фарогири ин навъи осори адабӣ ва илмӣ мушкилиҳои зиёде пеш меояд, ки онро бояд ҳал намуд.

Ба назари мо, вазифаи аввалиндараҷа дар ин самт аз бойгониҳои шахсии адибон, олимон, муҳаққиқон ва фарҳангиёни кишвар ҷустуҷӯ ва дастраси аҳли таҳқиқ намудани мукотиботи адибони тоҷик мебошад. Дар ин ҳолат, барои муҳаққиқон имкони бештар барои омӯзиши афкори адабӣ, танқидӣ ва адабиётшиносии шоирону нависандагони бузургамон фароҳам меояд. Имрӯз дар шаҳрҳои Самарқанд, Маскав, Хуҷанд, Кӯлоб,

Истаравшан ва ғайра осорхонаҳои адабии шоирону нависандагони сокин ё зодагони шаҳрҳои номбура мавҷуд аст, ки онҳоро бояд омӯхт ва маводи арзишмандашро мавриди таҳқиқ қарор дод. Бояд гуфт, ки дар ҳама давру замон адибони соҳибандеша фикру ақидаҳои ба сиёсати замон номувофиқи худро аз тариқи нома ба дӯстон, ҳамқаламон ва ҳатто пайвандонашон баён мекарданд, ки намунаи он номаҳои устод С. Айнӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, С. Табаров, М. Шакурӣ ва дигарон мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқу нашри ин бахши пурбори адабиёт аз вазифаҳои муҳим ва мубрами адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад.

Диссертатсияи номзадии Ф. Наимоваро дар ин ҷода метавон гоми шоиста арзёбӣ намуд. Зеро ӯ тавонистааст, бо вуҷуди дар ин замина таълиф гардидани рисолаю мақолаҳои илмӣ, мавзуъро аз дидгоҳи нав ва бо дастрасӣ бо маводи тозаи адабӣ баррасӣ намояд. Объекти асосии пажӯҳиши диссертант мушаххасан, мукотиботи устодони бузурги адабиёти муосири тоҷикӣ С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ мебошад. Азбаски ин ду устоди бузург дар оғози марҳилаи нави инкишофи адабиёти тоҷик маъруфияти сарварию раҳнамоии насли нави адибонро бар дӯш доштанд ва дар номаҳояшон ҳам бисёр масъалаҳои муҳим ва доғи ба истилоҳ “кори адабиёт”-ро баррасӣ менамуданд. Аз ин ҷиҳат, ҳам интихоби мавзуи диссертатсияи мазкур асосан дуруст сурат гирифтааст. Аз тарафи дигар, устоди раҳнамояшон, муаллим А. Маҳмадаминов дар самти айнишиносӣ ва лоҳутишиносии адабиётшиносии муосири тоҷик мутахассиси варзидаю пуркоранд ва муаллифи рисолаю мақолаҳои зиёд ва муҳиму бунёдӣ дар самтҳои номбурдаи адабиётшиносии муосири тоҷик мебошад. Ба ҳамин хотир, танзими масоили марбут ба адабиётшиносӣ дар мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар бобҳо ва фаслҳои диссертатсия асосан дуруст ва мантиқӣ тақсимбандӣ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия “Равобити дӯстӣ ва эҷодии устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ” унвон дошта, масъала дар шаш

фасл аз дидгоҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аз мутолиаи мукотиботи ин ду адиби бузург ба равшанӣ эҳсос мешавад, ки муносибати байниҳамдигарии онҳо хеле фаротар аз дӯстию бародарии муқаррарӣ будааст. Устод А. Лоҳутӣ қариб дар аксари номаҳояш ба устод Айнӣ бо ифодаи “фозили муҳтарам”, “”устоди муаззам, “устоди бузургвор”, “рафиқи муҳтарам ва азиз, устод Айнӣ”, “устодҷон” ва ғайра муроҷиат менамояд, ки ин далели садоқат ва муҳаббати беандоза доштани ин ду шахсияти бузурги адабӣ ба ҳамдигар мебошад. Устод С. Айнӣ ҳам ба Лоҳутӣ дар номаҳояш бо камоли эҳтиром ва муҳаббати баланди инсонӣ муроҷиат менамояд, ки ин андар шинохти шахсияти ин ду бузургвор қобили андеша мебошад.

Ҷойи таъкид аст, ки устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ то охири умр ба аҳди бародарии худ содиқ буданд ва ин дӯстии онҳо ба эҷодиёташон таъсири амиқ гузоштааст. Ба қавли диссертант, “муносибати дӯстонаи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар як марҳилаи хеле ҳассос ва дар айни замон, хеле мураккабу тақдирсози халқи тоҷик ба миён омада, пояҳои адабиёти муосири тоҷикро таҳким бахшиданд.”

Чунонки ишора шуд, дар зерфаслҳои боби якуми диссертатсия бозтоби масъалаҳои рӯзгори иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии устод С Айнӣ дар номаҳояш муфассал баррасӣ мешавад. Аз тарафи дигар, муҳаққиқ маҳз аз ҳамин дидгоҳ, номаҳои ба устод С. Айнӣ навиштаи А. Лоҳутиро таҳқиқ намудааст, ки онҳо воқеан, ҷузъиётҳои тозаеро ба шарҳи ҳоли шоир илова менамоянд. Аз баррасиҳои диссертант бармеояд, ки устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар мукотиботи бардавомашон дар баробари баррасии масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии замон аз мушкилоту проблемаҳои рӯзгори фардии хеш ҳамдигарро огоҳ менамуданд, ки ин ҳам далели ба ҳамдигар хеле эҳсоси дӯстию бародарии наздик доштани онҳост.

Боби дуюми диссертасия, ки “Афкори адабию эстетикии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар заминаи номаҳояшон” унвон дорад, проблемаи марказии мавриди назари диссертант ба таҳқиқ гирифта мешавад. Дар фасли аввали ин боб, диссертант зимни баррасии номаҳои мушаххаси устод С. Айнӣ таваҷҷуҳи хоси ӯро ба масъалаи анъана ва навоварӣ дар ашъори А. Лоҳутӣ ҷалб менамояд. Таъкид мешавад, ки устод С. Айнӣ дар се номаи худ ба А. Лоҳутӣ доир ба ин масъала изҳори ақида намуда, аз ҷумла, дар номаи худ аз 12 марти соли 1939 менависад: “Мо дар шеърҳои шумо ғазалҳои равони ҳаяҷонбахшро бисёр хондаем. Аммо аҳамияти хусусии ин ғазал дар он аст, ки ба таъкид кардани вазн, қофия ва услуб як ғазали тамоман мазмунҳои бикр суруда шудааст. Ин ғазали содаи равонбахшро ҷуз “саҳли мумтанеъ” гуфтан дигар таъбире намеёбем”. Устод Айнӣ дар номаҳояш ба ду тарзи ғазалсароии Лоҳутӣ диққат додааст. Дар аввал ба шеваи суннатии ғазалсарой ва мақоми он дар эҷодиёти ин шоири инқилобӣ ва баъдан, ба навҷӯиҳои мазмунӣ ва сохтории ғазалиёти шоир. Ба таври куллӣ, устод С. Айнӣ ғазалҳои Лоҳтиро, ки мавриди таваҷҷуҳаш қарор доштанд, “саъдиёна ва румиёнаи муосир” унвон мекунад, ки ин воқеан, баҳои баланд аст.

Дар фасли дуюми боби мазкур, ки “Мулоҳизаҳои Айнӣ оид ба мундарича ва шакли шеър” унвон дорад, диссертант назари устодро ба ҷанбаҳои шаклӣ ва мазмунии шеъри классикӣ ва муосири тоҷикӣ баррасӣ менамояд. Аз ҷумла, устод Айнӣ дар ин маврид андешаҳояшро дар яке аз номаҳояш чунин баён кардааст: “Агар он асар як асари шеърӣ бошад, ин матлаб ва лузум боз ҳам қатъитар ва пурзӯртар мешавад, зеро дар асари шеърӣ роли калонро на танҳо мундарича, балки ба чӣ тарз ифода шудани он мундарича бозӣ мекунад. Бинобар ин, Горкий мегӯяд: “Он муҳим нест, ки чӣ гуфтааст, балки он муҳим аст, ки ба чӣ тарз гуфтааст.” Устод С. Айнӣ дар баробари унсурҳои шаклӣ ва мазмунӣ дар шеър забон, услуб, сабку салиқаи нигориш ва шеваҳои баёни матлабро

масъалаи асосӣ меҳисобад. Вай дар номаҳояш дар ин заминаҳо дасти тавоно ва ҳунару истеъдоди комил доштани Лоҳутиро борҳо таъкид менамояд. Дар мавриди шеъри саҳли мумтанеъ ба ашъори Рӯдакӣ ишора карда, муҳимтарин фазилатҳои ин шакли комили шоиронаро ёдрас месозад, ки он воқеан, барои наслҳои баъдии шоирони тоҷик омӯзанда аст.

Диссертант дар ин боби диссертатсия масъалаи омӯзиши мероси адабии гузашта ва ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон ба ин меросро дар заминаи мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ дар фасли алоҳида мавриди андеша қарор медиҳад. Мулоҳизаҳое, ки устод С. Айнӣ дар номаҳояш баён мекунад, натиҷаи пажӯҳиш ва ҷустуҷӯҳои пурсамари ӯ дар самти таҳқиқи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, баррасии аҳволу осори шоирону суханварони бузурги гузашта мебошад. Ӯ дар яке аз номаҳояш ба ин самти фаъолияти пурсамари худ ишора карда менависад: ”Бештарини ин тобистони ман дар роҳи кор кардан бар болои классикҳо рафт. Абуалӣ Синоро дубора (кор) карда, аз асарҳояш баъзе (порчаҳоро) ҳамроҳ кардам. Барои Рӯдакӣ як маҷмуаи алоҳида сохта шуд. “Бӯстон”-и Саъдиро интихоб карда, 4 ҳазор мисраъ гирифтам ва эзоҳ додам. Барои вай як муқаддима ҳам навиштам.” Бояд гуфт, ки дар аксари номаҳои ба Лоҳутӣ навиштаи устод С. Айнӣ масъалаи омӯзиш ва тарғиби мероси адабии гузашта аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварӣ маҳсуб мешавад. Дар навбати худ устод Лоҳутӣ ҳам ба ин самти фаъолияти С. Айнӣ дар номаҳои худ баҳои баланд медиҳад. Хидматҳои ӯро дар мавриди омӯзиши аҳволу осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Камоли Хуҷандӣ, Алишери Навоӣ, Восифӣ ва дигарон арҷ мегузорад. Дар навбати худ С. Айнӣ дар номаҳои ба Лоҳутӣ навиштаи худ масъалаи таҳия ва нашри мероси адабии шоирони номбурдаро пайваста таъкид мекунад, ки он воқеан, дар даҳсолаҳои аввали инқилоб аз ҷумлаи масоили мубрами ҳаёти адабӣ ва адабиётшиносӣ маҳсуб меёфт.

Бояд гуфт, ки масъалаи муносибати Лоҳутӣ ба осори С. Айниро диссертант дар фасли алоҳидаи боби дуюми диссертатсия баррасӣ намуда, таъкид медорад, ки ихлосмандии устод Лоҳутӣ ба осор ва маҳорати адабии С. Айнӣ дар номаҳои зиёди ӯ баён шудааст. Устод А. Лоҳутӣ асарҳои С. Айниро барои халқи тоҷик махзани гаронбаҳо медонад ва аз нашри ҳар як асари тозаи ӯ ифтихор менамояд. Гузашта аз ин, Лоҳутӣ дар номаҳояш ба маҳорати баланди нависандагии устод С. Айнӣ баҳои баланд медиҳад. Ин нукта дар диссертатсия бо овардани мисолҳои зиёд ва баррасии номаҳои Лоҳутӣ собит карда мешавад.

Масъалаи дигари муҳим, ки дар мукотиботи устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштааст, ин масъалаи забони осори бадеӣ ва умуман, тозагии забони адабии тоҷикӣ мебошад. Проблемаи мазкур ба таври куллӣ, дар боби сеюми диссертатсияи Ф. Наимова мавриди андеша қарор мегирад. Дар чаҳор фасли алоҳидаи боби сеюми диссертатсия Ф. Наимова назари устод С. Айниро дар мавриди чигунагии забони осори бадеӣ, вижагиҳои кори ӯ дар таҳияи “Луғати нимтафсилӣ...” баррасӣ намуда, дар фасли сеюм масъалаи шарҳу тавзеҳи вожаҳои ҷудогонаро дар номаҳои ӯ тавзеҳ медиҳад. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки устод Айнӣ дар номаҳояш андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳеро оид ба забони адабии тоҷикӣ, баҳсҳои нақизу беасоси мухолифини забони адабии тоҷикӣ, зарурати таҳияи луғати забони тоҷикӣ ва дигар масъалаҳои марбути забони адабии ҳозираи тоҷикиро ба миён мегузорад. Бояд гуфт, ки бисёре аз андешаҳои Айнӣ дар мавриди забони адабии тоҷикӣ то ба имрӯз аҳамият ва муҳимияти илмию амалии худро кам накардаанд.

Дар маҷмуъ диссертант арзиши илмӣ, таърихӣ, адабӣ, маърифатию тарбиявии мукотиботи С. Айнӣ ва А. Лоҳутиро таъкид намуда, номаҳои мавриди назарашро ба се гуруҳ тақсим менамояд: номаҳои ҳасбиҳолӣ бо баррасии масоили адабиёт, номаҳое, ки ба нашри осор ва таҳлили

китобҳои алоҳида марбутанд ва ниҳоят, номаҳое, ки дар онҳо масоили забони адабӣ, хусусиятҳои забони асарҳои алоҳидаи адибон, шарҳу тавзеҳи вожаҳо ва ғайра баррасӣ мешаванд. Таъкид мешавад, ки тамоми мактубҳо ва асарҳои устод С. Айнӣ, махсусан номаҳои ба А. Лоҳутӣ навиштаи ӯ аҳамияти махсуси адабӣ, таърихӣ, маърифатӣ, этнографӣ, археологӣ буда, онҳо фарогири мадорики муҳими илмӣ ҳастанд.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия муҳаққиқ натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмии худро дар даҳ банд хулоса менамояд, ки аксари онҳо қобили андеша ҳастанд. Воқеан, мукотиботи устодон С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ бозгӯкунандаи афкори адабию эстетикии ин ду адиби бузург ҳам мебошанд. Дар онҳо масъалаҳои муҳим ва доғи фарҳангу адабиёт ва забони тоҷикӣ баррасӣ шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида дар диссертатсияи Ф. Наимова баъзе камбудиҳо ҳам ба назар мерасад, ки зикрашон ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Аввалан, дар муқаддимаи рисола муаллиф бояд ба таҳқиқотҳое, ки дар онҳо номаҳои устод С. Айнӣ баррасӣ шудаанд, баҳои мушаххас медод. Дар ин ҳолат, вазифаҳои пажуҳиши мазкур боз ҳам равшантар мегардид.
2. Ба назари мо дар боби якум масоили марбут ба фаслҳои якум ва дуюми диссертатсияро, ки ба зиндагиномаи устод С. Айнист дахл дорад, дар як фасл баррасӣ менамуд, беҳтар буд.
3. Дар боби дуюми диссертатсия масоили фаслҳои сеюму чаҳорум дар як фасл баррасӣ мешуд, мавзуи баррасии адабиёти классикӣ ба таври фарогиртар таҳқиқ мегардид.
4. Дар баъзе фаслҳои бобҳои якум ва дуюми диссертатсия андешарониҳои диссертант характери тавзеҳӣ касб менамояд, ки ин хоси таълифоти илмӣ нест.

5. Тавзеҳи фасли панҷуми боби якуми диссертарсия дар фишурдаи рисола танҳо иборат аз зикри таърихи таълифи номаҳост. Ҳол он ки унвони фасли мазкур “Бозтоби фаъолиятҳои эҷодии А. Лоҳутӣ дар мактубҳояш ба С. Айнӣ” мебошад.

Камбудиҳои зикршуда, асосан характери техникӣ дошта ислоҳшавандаанд ва онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намесозанд. Диссертатсияи Ф. Наимова дар мавзуи “Масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мактуботи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ” таҳқиқоти ба анҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмию пажӯҳишӣ таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Доктори илми филология,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти факултети филологияи**
**тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Салихов Ш. А.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

**Имзои Ш.А. Салиховро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

9 .12. 2022.